АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №4, 2014

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №4, 2014

## АДАБИЁТШИНОСӢ

УДК: 4 тадж (04)+4 тадж (07)+8

ҲИДОЯТЗОДА И.[1]

# ОСОРИ ХАТТӢ ВА ЧОПИИ МАВЛАВӢ ҶОМӢ ДАР АФҒОНИСТОН

Аз Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492), ки адиб ва мутафаккири шинохтаи асри ХУ адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб мешавад, дар ганҷинаҳои хаттӣ ва китобхонаҳои ҷаҳонӣ нусхаҳои қаламӣ ва кутуби чопӣ маҳфузанд, ки ҳар кадоме қимати вижа доранд. Дар бораи осори то ба замони мо маҳфузмондаи Абдурраҳмони Ҷомӣ тадқиқоти мутааддид мавҷуданд. Дар мақола тасмим гирифта шуд, ки роҷеъ ба асарҳои хаттӣ ва чопие, ки дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз Мавлавӣ маҳфузанд, баъзе мулоҳизаҳо дар шинохти ҳарчи бештари мероси гаронмояи ин адиб ва мутафаккири ҳиротӣ иброз гардад, ки беаҳамият нест.

**Калидвожаҳо:** Абдурраҳмони Ҷомӣ, адиб, мутафаккир, осори хаттӣ, асарҳои чопӣ, тадқиқот, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, феҳристи осори Ҷомӣ, Кобул, Моили Ҳиравӣ, Аълохон Афсаҳзод, шарҳ.

Тадқиқу баррасии рӯзгору осори Мавлавӣ Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки аз ҷониби ҷомишиносони варзидаи Шарқу Ғарб хеле васеъ ва доманадор анҷом дода шудааст, баёнгар ва шаҳодати он мебошад, ки аз коргоҳи эҷодии мавсуф асарҳои зиёде берун омадаву қаламӣ ва интишор ёфтаанд. Фаъолияти эҷодии Мавлоно Ҷомӣ аз 30-35-солагиашон оғоз гардида, тибқи маълумоти муаррихи он замон Хондамир вай «дар замони Мирзо Абулқосим Бобур ба номи он подшоҳ … «Ҳуляи ҳулал»-ро дар фанни муаммо марқум сохт ва дар замони султони сайид Мирзо Султон Абӯсаид ба тартиби девони аввал ва таълифи баъзе аз расоили тасаввуф пардохт ва соири муаллафоту манзумоти латофатоёташ дар замони хоқони мансур (яъне Султон Ҳусайни Бойқаро) таҳрир ёфт» [1, 242; 337]. Аз рӯйи ишораи ҷомишиноси маъруфи тоҷик А. Афсаҳзод дар ҳақиқат ҳам нахустин таълифи мураттаби Ҷомӣ, ки то замони мо омада расидааст, соли 858 (1452 м.) дар 38-солагиаш сомон дода шуда буд, ин «Рисолаи кабир дар муаммо» мавсум ба «Ҳулияи ҳулал» мебошад. Китоби охирини тамомнамудаи маълуми ӯ «Ал-фавоид аз-Зиёия» дониста шудааст, ки он соли 887 ҳ. (1492м.) дар соли охири умраш навишта шудааст. Агар аз ҳамин зовия ба мероси илмию адабии Мавлавӣ Ҷомӣ муроҷиат шавад, мебинем, ки вай дар тӯли камобеш 40 сол хастанопазирона заҳмати захим кашида, беш аз 45 номгӯй асар ба мерос гузоштааст ва хушбахтона тавассути китобату қаламӣ карданҳои чопи сангӣ аксар то замони мо расидаанду асосан дар чопхонаҳои замони нав чоп гардидаву интишор ёфтаанд ва ба теъдоди гуногун паҳн гардидаанд.

Камолиддини Биноӣ, ки хоҳарзода ва аз шоирони шинохтаи ҳамзамони Мавлавӣ Ҷомист, теъдоди осори ин адиб ва мутафаккирро беш аз чиҳил баршумурда гуфта буд:

[1] **Адрес для корреспонденции:** Хидоятзода Исмат - канд. филол. наук, доцент ГКУ Республики Таджикистан, 794030, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Испечак-1, дом 5, кв. 5, тел.:951441438

Ҷомӣ, он офтоби нуронӣ,
Он мунаввар ба нури субҳонӣ…
Буд аз чил зиёда таснифаш,
Рӯ ба эъҷоз карда таълифаш.

[2. 161]

Ҳамин аст, ки хушбахтона дар ганҷина ва китобхонаҳои дунё, минҷумла Ҳиндустону Покистон, Эрону Тоҷикистон, Туркияю Ӯзбакистон, Русияву Қазоқистон, ҳамаи мамлакатҳои дигари Осиёи Миёна, Қафқоз, Аврупову Амрико ва ғайра метавон бо ин ё он нусхаи қаламӣ, сангӣ ва чопии Мавлавӣ Ҷомӣ дучор омад, ки ин аз маъруфияти эҷодкори асил шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ тарбияёфтаву бакамолрасидаи шаҳри Ҳироти ин кишвар аст, китобҳои зиёди ӯ маҳфузанд. Тавре рӯзномаи миллии «Анис», ки дар Кобул ба табъ мерасад, иттилоъ дода, феҳрасти китобҳои нусахи хаттӣ, нашрҳои сангӣ ва чопии осори Мавлавӣ Ҷомӣ хеле зиёданд ва баъзеи онҳо мунҳасир ба фард мебошанд [3].

Агар ба махзани кутуби Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таваҷҷуҳи амиқ равад, нусхаҳои қаламии эҷодиёти ӯро метавон дар Ҳироту Мазори Шариф, Кобулу Қандаҳор, Ҷалолободу Ғазна ва дигар марказҳои фарҳангии он кишвар дарёфт, ки ин ба теъдоди умумии нусхаҳои дар ҷаҳон маҳфузмондаи осори Мавлавӣ Ҷомӣ изофа хоҳад шуд. Тавре муаллифи мақолаи «Феҳрасти осори Мавлоно Ҷомии Ҳиравӣ, бо зикри нусхаҳои чопшуда ва нусхаҳои умдаи хаттии Афғонистон [3] иттилоъ медиҳад, дар Афғонистон илова бар асарҳои асили муаллиф, осоре низ дарёфт мегарданд, ки мансуб ба Абдурраҳмони Ҷомӣ дониста шудаанд.

Аз осори қаламии Мавлавӣ Ҷомӣ, ки имрӯз дар китобхонаҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон метавон дарёфт намуд ва мавриди истифода қарор дод, асосан инҳоянд:

1. «Шавоҳид-ун-нубувват ли тақвият-ил-яқин аҳл-ил-футувват» буда, аз муқаддима, ҳафт рукн ва хотима иборат мебошад. Дар он роҷеъ ба мафҳуму маънии «набӣ» ва «расул», ҳаёт, зиндагӣ ва одобу атвори Муҳаммад пайғамбар ибни Абдуллоҳ (569 м. – 631м.), сияру аҳвол, каромоту фазоили пайравони ӯ, аҳли оилааш, чаҳор халифаи аввал – Абӯбакру Умар ва Усмону Алӣ, дувоздаҳ имоми гурӯҳи исноашара, саҳобаҳо, тобеъини онҳо то табақаи сӯфия нақлу ривоятҳо оварда шудааст.

2. «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ал-қудс», ки дар шарҳи аҳволи машоихону орифони то замони мусанниф навишта шудааст. Он дар пайравии «Табақот-ус-сӯфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ (1006-1088м.) буда, Мавлавии Ҷомӣ дар ин асари худ аз заҳамоти Ансорӣ зиёд истифода менамояд.

3. «Баҳористон» аз асарҳои бадеии бештар шинохташудаи адиб аст, ки дар Афғонистон нусхаҳои зиёди қаламӣ, сангӣ ва чопии он дучор меояд.

4. Нусхаҳои се девони Мавлавӣ Ҷомӣ; девони аввал «Фотиҳат-уш-шубоб», девони дувум «Воситат-ул-иқд» ва девони севум «Хотимат-ул-ҳаёт», ки дар онҳо осори ғиноии дар тамоми умр эҷодкардаи шоир бо зарфиётҳои гуногун ҷой доранд. Баъзе нусхаҳои дар Афғонистон будаи девонҳои фавқуззикр аз нигоҳи костагӣ, норасоӣ, ғалаткитобаткуниҳо аз ҳамдигар тафовутҳо доранд, ки ба он матншиносон метавонанд баҳои арзишманди илмӣ диҳанд. Худи мавҷудияти нусхаҳои қаламии ин девонҳо дар ин ё он китобхонаҳои Афғонистон баёнгари он аст, ки осори Ҷомиро мардум дилгармона нигаҳдорӣ ва ҳифз менамуданд.

5. Силсиладостонҳои «Ҳафт авранг», ки аз маснавиҳои «Силсилат-уз-заҳаб», «Саломон ва Абсол», «Сабҳат-ул-аброр», «Тӯҳфат-ул-аҳрор», «Юсуф ва Зулайхо», «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Хирадномаи Искандарӣ» иборат аст. Ин достонҳо дар китобхонаи маркази Кобул «Оршифи Кобул» ва баъзе минтақаҳои дигари Афғонистон дар намудҳои гуногун ба чашм мерасанд, ки шарҳи муфассали ҳар кадоме заҳмати шабонарӯзии алоҳидаро мехоҳад.

6. «Рисолаи муншаот», ки бо номҳои»Муншаот» ва «Мактубот» низ маълум аст. Он дар охирҳои умри муаллиф мураттаб шуда, Абдулғафури Лорӣ шаҳодат медиҳад, ки устод, яъне Мавлавӣ Ҷомӣ «Мефармуданд, ки бар иншои номае боре нагаштаем, он чӣ навишта шуда, ҷавоби номаест, ки азизе илтифот намуда» [4, 38]. Дар ин рисола ҳамаи мактубҳои дарҷгардида ба панҷ гурӯҳ тақсимбандӣ шудаанд.

7. «Рисолаи арӯз», ки аҳли таҳқиқ соли навиштани онро то кунун муайян нанамудаанд. Ҷомӣ ин рисоларо бо мақсади истифода аз он дар вақти омӯзиши илми арӯз ба толибилмон навишта будааст.

8. «Рисолаи қофия», ки басе мухтасар буда, муаллиф онро «мухтасарест вофӣ ба қавоиди илми қавофӣ» номидааст [5. 160].

9. «Рисолаи мусиқӣ», ки замони таълифи он ҳам норавшан мондааст. Рисолаи мусиқӣ аз муқаддима, ду қисмат ва хотима иборат мебошад ва ҷамъан 23 фаслро фаро гирифтааст.

10. Рисолаҳои ба муаммо бахшидаи Мавлавӣ Ҷомӣ, ки ҳар кадоме имрӯз ҳам моҳияти худро гум накардаанду бештар аҳамияти таърихӣ касб кардаанд.

Бад-ин тартиб асарҳои дигари Мавлавӣ Ҷомӣ «Шарҳи рисолаи нуҷум», «Шарҳи дуои ал-Қурунӣ», «Ал-шиъат ал-ламаот», «Лавомеъ», «Шарҳи қасидаи тоия», «Рисолаи маносики ҳаҷ», «Шарҳи сад калимаи қуссори амиралмуъминин Алӣ (а)», «Шарҳи қасидаи бурда», «Шарҳи байти Амир Хусрав», «Фавоиди зиёия», «Шарҳи рубоиёт», «Сарфи форсии манзум ва мансур» ва ғайраро метавон дар Афғонистон дарёфт, ки ҳар кадоме новобаста ба тарзи нигаҳдории худ ва то ба замони мо омада расидан, қимати вижа доранд.

Зиёда из ин, тавре ки дар боло ишора рафт, дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамзамон метавон бо номгӯйи асарҳое дучор омад, ки ба Мавлавӣ Ҷомӣ мансуб дониста шудаанд, монанди «Шарҳи қасидаи Аттор», «Шарҳи «Гулшани роз», «Рисолаи «Ваҳдат-ул-вуҷуд», «Рисолаи нурбахш», рисола дар истилоҳоти сӯфия», «Таҷнис ал-хат», «Девони бенуқта»-и чопи сангӣ, ки дар Лакҳнав соли 1881 милодӣ ба табъ расидааст ва ғ.

Адабиётшинос ва адиби Афғонистон Моили Ҳиравӣ дар муқаддимаи китоби «Шарҳи рубоиёт»-и Мавлавӣ Ҷомӣ ёдовар мешавад, ки донишманди афғонӣ А. Ҳабибӣ асареро бо номи «Рисолаи сарриштаи Ҷомӣ» тасҳеҳ карда будааст [6, 14-15]. Вале оғозу анҷом ва баъзе қисматҳои матни он рисола дар навиштаҳои Моили Ҳиравӣ оварда шудааст, гӯёи он аст, ки рисолаи тасҳеҳкардаи А. Ҳабибӣ бешубҳа «Рисолаи шароити зикр» мебошад.

Ниҳоят, аз ин навиштаи мухтасар бармеояд, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, бахусус дар «Оршифи миллӣ-таърихии Кобул» осори зиёди Абдурраҳмони Ҷомӣ маҳфуз мебошад. Дар ин оршиф инчунин асарҳои бешумори аҳли таҳқиқи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҷомишиносони тоҷик, ки ба рӯзгору осори Мавлоно Ҷомии Ҳиравӣ ва таҳияи мутуни эҷоди ӯ бахшида шудаанд, маҳфузанд, ки баррасии ҳаматарафаи онҳо барои кушодану равшан намудани рӯзгори сипаришуда ва дурустхониҳои матни осори ин адиби маъруф аз манфиат холӣ нестанд.

**Адабиёт**


1. Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. –Бомбай, 1271-1273 ҳ., Ҷилди 111, ҷузви 3.
2. Зуҳуриддинов А. Муқоисаи маснавии «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ бо «Юсуф ва Зулайхо»-и Нозим// Абдурраҳмони Ҷомӣ -550. –Душанбе, 1964. С. 159-172.
3. Р. Ф. Феҳристи осори Мавлоно Ҷомии Ҳиравӣ бо зикри нусхаҳои чопшуда ва нусхаҳои умдаи хаттии Афғонистон/ Анис, сарви 1970.-С. 13.
4. Абдулғафури Лорӣ. Такмила бар «Нафаҳот-ул-унс». Ба тасҳеҳ ва муқобала ва таҳияи Башири Ҳиравӣ. –Кобул, 1343.
5. Аълохон Афсаҳзод. Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ. –Душанбе: Дониш, 1980. -223с.
6. Шарҳи рубоиёти Ҷомӣ. –Кобул, 1343. Муқаддима. С. 14-15.

**ХИДОЯТЗАДЕ И.**

## РУКОПИСНЫЕ И ИЗДАННЫЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ ДЖАМИ В АФГАНИСТАНЕ

В рукописных фондах и библиотеках мира до сих пор хранятся манускрипты и литографии произведения Мавляна Абдуррахмана Джами (1414-1492), известного таджикско-персидского поэта и мыслителя. Произведение Абдуррахмана Джами посвящены многочисленные исследованния. В статье доказано, что произведения Мавлави, хранявшиеся в Афганистане имеют большое значение в определение литературного наследия гератского мыслителя.

**Ключивые слова:** Абдуррахман Джами, литератор, мыслитель, письменные памятники, изданные произведения, Исламская Республике Афганистан, каталог произведений Джами, Кабул, Моили Хирави, Аълохон Афсахзод, комментарии.

**HIDOYATZADE I.**

## MAIN WRITLEN PUBLICFTION OF MAVLAVI JAMI'S WORKS IN AFGANISTAN

The article deals with the manuscrips and written lotographs of Mavlavi Jami (1414-1492) the prominent tajik – parsian poet kept in the libraries of Afganistan. The author of the article embassies that the abovementioned work of Jami has great importance for the word literature.

**Key words:** literature, thinker, written heritage Afganistan, Jami, Kabul, commentary.